# ТАВЗЕҲНОМА

ба Дастурамал «Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ»

Лоиҳаи Дастурамали мазкур баҳри иҷроиши банди 4 супориши протоколии ҷаласаи XVIII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 26 январи соли 2018 вобаста ба роҳандозии принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар низоми молиявию қарзии кишвар, татбиқ намудани механизми фаъолияти шаффофи бонкҳо ва дар ин замина баланд бардоштани эътимод ба онҳо (протоколи ҷаласа, №22/10-76 аз 28 марти соли 2018), банди 2 супориши протоколии ҷаласаи ХХ Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 12 феврали соли 2020 оид ба таҳия, қабул ва дастраси аҳолӣ ва соҳибкорон гардонидани дастурамал ва номгӯи хизматрасониҳо, нархномаву маълумотномаҳои зарурӣ (протоколи №22/3-114 аз 4 марти соли 2020), бандҳои 5 ва 7 Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2022 аз 02 майи соли 2019, №223 таҳия карда шудааст.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба иҷрои банди 4.1 Афзалиятҳои стратегии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2019 ва Тавсияҳои Бонкӣ Ҷаҳонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз “Тавсифи диагностикии ҳимояи ҳуқуқ ва маърифатнокии молиявии истеъмолкунандагон” бармеояд, лоиҳаи Дастурамали “Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои низоми бонкӣ” -ро таҳия ва пешниҳод менамояд.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаҳои 6 ва 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, моддаи 55-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва моддаҳои 50 ва 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва

моддаи 39 (1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон" ташкил медиханд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва назорат дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул аст, вале тибқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ барои таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бевосита ва ба таври муқаррар масъулият ба зимма надорад.

Гарчанде қонунгузории соҳаи бонкии кишвар дар худ меъёрҳои ҳуқуқиро вобаста ба танзими муносибатҳои миёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкиро дарбар гирад ҳам, вале санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи тартиби нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавҷуд нест.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварӣ аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, ҳамзамон дар он талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии тартиби нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар намуда аст, ки ба ин васила сатҳи зарурии шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин мегардад.

Дастурамал «Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ» ифшои маълумот дар давраҳои хизматрасонӣ: маълумоти нашршаванда, нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шабакаи интернет, нашри маълумот дар нашрияҳои чопӣ ва ҷойгир кардани маълумот дар маҳалҳои хизматрасонии ташкилоти қарзии молиявӣ муайян намуда, чунин талаботҳои мушаххасро дарбар гирифтааст:

- талаботи умумӣ нисбати мундариҷаи маълумоти нашршаванда;
- талаботи умумӣ оиди нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шабакаи интернет;
- талаботи умумӣ оиди нашри маълумот дар нашрияҳои чопӣ;
- ҷойгир кардани маълумот дар маҳалҳои хизматрасонии ташкилоти қарзии молиявӣ;

- талабот нисбати мундариҷаи маълумот оид ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;

- ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботҳои мазкур.

Зарурияти таҳия ва қабули дастурамали мазкур аз номукаммалии қонунгузории соҳавӣ, ба қадри зарурӣ набудани шаффофият дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, сатҳи нокифояи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, саҳҳомон ва сармоягузорони ватаниву хориҷие, ки пасандозгузорандагон ва дорандаи саҳмияҳои ин бонкҳо мебошанд бармеояд, ки боиси соли 2016 ба миён омадани буҳрони низоми бонкии кишвар гардиданд.

Вобаста ба ин Сарвари давлат дар ҷаласаи XVIII Шӯрои машваратӣ аз 26 январи соли 2018 вобаста ба роҳандозии принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар низоми молиявию қарзии кишвар татбиқ намудани механизми фаъолияти шаффофи бонкҳо ва дар ин замина баланд бардоштани эътимод ба онҳо супориш дода буданд (банди 4 супориши протоколӣ, №22/10-76 аз 28 марти соли 2018).

Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гашта дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ фароҳам оварда шуда, сатҳи миёнаравии молиявӣ баланд бардошта мешавад ва таҳкими боварӣ аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ меафзояд.

Раиси
Бонки миллии Тоҷикистон　　　　　　　　Ҷ. Нурмаҳмадзода